**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**профессор Ибодуллозода А.И.**
**_______________**
**«_29_»_06_ соли 2026**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи “Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шеровонӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон. – Душанбе, 2026. – 192 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи “Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)” ба шиносномаи ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон мутобиқат менамояд.

Дар забоншиносии муосир масъалаҳои марбут ба семантика, муносибатҳои маъноии воҳидҳои луғавӣ ва омӯзиши низоми маъноии забон аз ҷумлаи самтҳои муҳимми таҳқиқоти назариявӣ ба ҳисоб меравcovered. Омӯзиши маънои луғавӣ ва таҳаввули он дар осори адибони классикӣ барои ошкор намудани хусусиятҳои низоми луғавии забон, роҳҳои ташаккули маъно ва қонуниятҳои рушди захираи луғавӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ин замина таҳқиқи хусусиятҳои семантикии воҳидҳои луғавӣ дар осори Хоқонии Шервонӣ ҳамчун яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ дорои аҳаммияти махсуси илмӣ мебошад.

Осори Хоқонии Шервонӣ аз лиҳози гуногунрангии маъноӣ, фаровонии муродифот, мутазодҳо, омонимҳо ва вожаҳои сермаъно аз ҷумлаи сарчашмаҳои арзишманди омӯзиши таърихи луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи семантикаи воҳидҳои луғавӣ дар ашъори шоир барои равшан намудани вижагиҳои маъноии забони адабии асри XII ва нақши он дар ташаккули низоми луғавии забони тоҷикӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маводи таҳқиқ, омӯзиши адабиёти илмии марбут ба масъала, таҳлили маводи забонӣ ва натиҷагирии илмӣ ба таври возеҳ мушоҳида мешавад. Муаллиф бо такя ба усулҳои таҳлили

маъношиносӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ ва оморӣ тавонистааст хусусиятҳои семантикии воҳидҳои луғавии ашъори Хоқонии Шервониро мавриди омӯзиши амиқ қарор диҳад.

Муҳаққиқ дар раванди таҳқиқ осори Хоқонии Шервониро ҳамчун манбаи асосии пажӯҳиш истифода намуда, муносибатҳои маъноии вожаҳо, аз ҷумла муродифот, мутазодҳо, омонимҳо ва вожаҳои сермаънороро таҳлил кардааст. Ҳамчунин, гурӯҳбандии мавзуии воҳидҳои луғавӣ аз рӯйи майдонҳои маъноӣ аз дастовардҳои муҳимми кори анҷомёфта мебошад. Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки дар диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад бо як равиши муназзами илмӣ масъалаҳои сохтору хусусиёт ва таснифоти мавзуии воҳидҳои луғавии ашъори Хоқониро то ҳосил шудани мақсад баррасӣ кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф иборат буда, мутобиқи талаботи корҳои илмӣ таҳия гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик семантикаи воҳидҳои луғавӣ дар осори Хоқонии Шервонӣ ба таври махсус ва мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф муносибатҳои маъноии калимаҳоро дар заминаи матни шеърӣ таҳлил намуда, хусусиятҳои услубӣ ва маъноии онҳо, инчунин, нақши онҳоро дар офариниши тасвирҳои бадеӣ нишон додааст.

Боби якуми диссертатсия «Доир ба маъно ва маъношиносӣ» ном дошта, фарогири масъалаҳои назариявии маъношиносӣ мебошад. Дар он заминаҳои ташаккул ва рушди маъно, таърихи омӯзиши маъношиносӣ, шарҳи маънои луғавӣ ва навъҳои маънои калима мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф андешаҳои донишмандони ватаниву хориҷиро оид ба табиати маъно ҷамъбаст намуда, мавқеи илмии худро муайян кардааст.

Боби дуюм «Таносуби маъноии воҳидҳои луғавӣ дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ» ба таҳлили муносибатҳои маъноии калимаҳо бахшида шудааст. Дар ин бахш хусусиятҳои маъноию услубии муродифот, нақши мутазодҳо дар офариниши таъсири бадеӣ, мавқеи омонимҳо ва хусусиятҳои вожаҳои сермаъно дар осори шоир мавриди баррасии муфассал қарор гирифтаанд.

Боби сеюм «Таснифоти мавзуии семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ» аҳаммияти махсус дошта, дар он гурӯҳҳои гуногуни маъноии вожаҳо, аз ҷумла вожаҳои ифодагари хулқу атвор, вақт ва замон, узвҳои бадан, муносибатҳои хешовандӣ, шуғлу мансаб ва касбу кор таҳлил шудаанд. Ин таснифот барои муайян намудани хусусиятҳои ҷаҳонбинии шоир ва захираи луғавии забони давраи ӯ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он метавонанд барои рушди назарияи маъношиносӣ, таҳқиқоти семасиологӣ, омӯзиши таърихи луғавии забони тоҷикӣ ва таҳқиқи забони осори классикӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия метавонад дар таълими фанҳои маъношиносӣ, луғатшиносӣ, таърихи забони тоҷикӣ, услубшиносӣ, таҳлили матн ва таърихи адабиёти классикӣ истифода гардад. Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин метавонанд дар таҳияи луғатҳо, васоити таълимӣ ва корҳои минбаъдаи илмӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд.

Хулосаи диссертатсия дар маҷмуъ натиҷаҳои асосии таҳқиқро фаро гирифта, аз анҷомёбии муваффақонаи ҳадаф ва вазифаҳои пешгузоштаи муаллиф шаҳодат медиҳад.

1. Дар баъзе ҳолатҳо воҳидҳои луғавӣ дар шакли ғалати луғавӣ-калимасозӣ омадаанд, мисли “қариҳо”( саҳ.7: Фикри неруманд ва қариҳои тавонои шоир бо овардани маъниҳои борик...).

2. Вақте номи муҳаққиқони муосири осори назмиву насрии забони тоҷикиро ёдовар мешавад, асосан номи онҳоеро меорад, ки дар як ҳавзаи илмӣ ё мактаби илмӣ фаъолият доранд, агар дигар пажӯҳишгарони забони осори классикиро ёдовар мешуданд ба манфиати кор буд.

3. Дар банди нуҳуми хулоса (саҳ. 175) унвонҷӯ мегӯяд: “Бештари таркиби луғавии осори Хоқониро вожаҳои аслии тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки шоир ба хотири инкишоф додани таркиби луғавӣ дар ашъори хеш аз захираи луғавии забони модарии худ моҳирона истифода кардааст”, вале намегӯяд, ки бар пояи кадом таҳқиқ ё навишта ба ин хулоса омадааст? Ё кадом гурӯҳи калимаҳо бештарашон аслӣ ва кадоме иқтибосӣ мебошад?

4. Дар рӯйхати адабиёт тартиби хронологӣ риоя нагардидааст.

5. Номи унвонҷӯ Шафоати Сангиҳмад аст. Вале пас аз бандаки изофӣ вергул монда шуда дар шакли “Шафоти, С. *номи мақола*” дар бахши “Интишорот аз рӯйи диссертатсия” (саҳ. 191-192) оварда шудааст, ки ба қоида ва руҳияи забони тоҷикӣ номувофиқ аст.

6. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъии имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми омода намудани кор барои нашр бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақилона буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии илмӣ мебошад. Автореферат ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф муҳтавои

асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад ба талаботи бандҳои амалкунандаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмњои филологї аз рўйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 9-уми июни соли 2026, суратҷаласаи №10 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд – 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Иброимова Гуландом Наимовна

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович

**Котиби илмии ҷаласа:** доктори фалсафа (PHD) — Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Имзоњои дотсент Раҳмонов Б.Н., дотсент Иброимова Г.Н. ва Юсупов Ш.Р.-ро тасдиқ мекунам:** Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвалӣ

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
E-mail: info.tgpu.tj, тел.: +992 (37) 2241383
«9» июни соли 2026